**Суратмаҷлиси №3**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067**

оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ва доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ва 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ)

17 марти 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар узви Шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки 5 нафари онҳо доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Аъзои муҳтарами Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шуро хоҳиш намуданд, ки маҷлис кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи маҷлис:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** дар мавзуи "Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ Восиева Рухшона Қурбоновна, аъзои комиссияи экспертӣ Давлатбеков Лоло Мирзоевич ва Абдулназаров Абдулназар Абдулқодирович хулосаи комиссияи экспертиро хаттӣ пешниҳод намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** дар мавзуи "Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:
   - Салимӣ Носирҷон Юсуфзода - д.и.ф. профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Охониёзов Варқа Дустович – д.и.ф., сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ;
- Файзуллоев Неъматҷон – д.и.ф., профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров".

3. Ба сифати муассисаи пешбари диссертатсия – МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" таъйин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ИЗА ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.
5. Таърихи рӯзи ҳимоя 04 июли соли 2023, соати $13^{30}$ таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ
доктори илми филология, профессор Сатторов А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.